**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 21.06.2024, № 53

Дар бораи сазовор донистани Исматуллои Сунъатулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 08-уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси №47 қабул гардидааст (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01шд).

Довталаби дараҷаи илмӣ Исматуллои Сунъатулло, санаи таваллудаш 05.03.1993, соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси "сиёсатшинос, маъмур" ва соли 2021 зинаи унвонҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз соли 2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: Зокиров Гулмаҳмад Нозимович – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқаррризони расмӣ:**

**Искандаров Қосимшо** - доктори илмҳои таърих, профессор саркотиби илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Бедилзода Ҳусейн Кабут** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

**Муассисаи пешбар -** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент Қодиров З. Қ. ва устодони кафедра, номзади илмҳои сиёсӣ Наимов М.Р., номзади илмҳои сиёсӣ Тураева З. Ю. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллои Сунъатулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

[1–М]. И. Сунъатулло. Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон (2014-2019): Мушкилоти таҳияи стратегияи сиёсати хориҷӣ ва роҳҳои татбиқи он [Матн] / И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №10. – С. 324-328.

[2–М]. И. Сунъатулло. Асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар марҳилаи кунунӣ [Матн] / И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №10. – С. 67 - 71.

[3–М]. И. Сунъатулло. Проблемаи коркарди консепсияи ҳамоҳанг-гардонии муносибатҳои этномиллӣ дар Афғонистон [Матн] /И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №9. – С. 116 - 120.

[4–М]. И. Сунъатулло. Таҷрибаи ҷаҳонии демократияи федеративӣ ва дарки он дар Афғонистон. / И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022, №10. - С. 251 – 257.

[5–М]. Г.Н. Зокиров, И. Сунъатулло. Ҳолати воқеии муносибатҳои этникию қавмӣ дар Афғонистон ва таъсири он ба системаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров, И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022, №11. - С. 277 – 283.

**Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо:**

[6–М]. И. Сунъатулло. Дар мавриди федераликунонии Афғонистон аз мавқеи кишварҳои манфиатдор. //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон». (12-уми майи соли 2021). - Душанбе, 2021. – С.152-164.

[7–М]. Исматуллои С. Вазъияти миллию этникии Афғонистон ва таъсири он ба низоми сиёсии кишвар. //Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм» (22 феврали соли 2022). - Душанбе, 2022. –С. 344-360.

[8–М]. Исматуллои С. Моҳияти қавмии ҳаракатҳои сиёсии муосири Афғонистон: дар мисоли ҷумбиши "Толибон". // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш. Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022. – Душанбе, 2022. - С.220-224.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Саидова Ф. С.** - номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- вазъияти ноороми сиёсии Афғонистон тули чандин солҳост, ки идома дорад. Чунин муддати тулонӣ бе дахолати кишварҳои хориҷӣ ба миён намеояд. Дар рисола чунин сабабҳои асосии бухрони Афғонистон таҳқиқ мегардид, мазмуну муҳтавои рисола боз ҳам ғанӣ мегардид;
- дар рисола муаллиф ба таҳлили муқоисавии ҳодисаҳо ва равандҳои сиёсии кишварҳои ҳамто чандон таваҷҷуҳ накардааст.

**Пардаев С. А.** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Муассисаи таҳсилоти олии байнидавлатии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва ду эрод дорад:

- хуб мешуд, ки диссертант ба мақом ва нақши тоҷикон ҳамчун мардуми бумӣ ва аксарияти аҳолии Афғонистон маълумоти бештареро пешниҳод менамуд;
- эҳтимолиятҳои таъсиргузориҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳолати миллию этникии Афғонистонро сарфи назар набояд. Зеро масъалаи мазкур ба вазъи минтақа таъсири муаасир дорад.

**Маҷидов Д. Ҳ.** - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода. Тақриз мусбат буда, ду эрод дорад:

- диссертант ҳалли бухрони Афғонистонро ба масъалаи федераликунонии кишвар низ пайваст менамояд. Аммо ба проблемаи мазкур вобаста ба шароити Афғонистон чандон таваҷҷуҳи амиқ зоҳир накардааст. Дар он маънӣ, ки федерализм ҳамчун назария ва амалия дар шароити кишварҳои шарқӣ чандон рӯзмарра нест. Он дорои зиддиятҳои гуногун аст. Хуб мешуд, ки дар бораи эҳтимолиятҳои манфии он низ ибрози назар менамуд;
- муаллифро зарур аст, ки дар бораи ҳокимияти паштунҳо ва мақоми онҳо дар ҷомеаи Афғонистон бештар таҳлилҳо ва хулосагириҳо пешниҳод мегардид. Оё чунин муносибат ба рушди мўътадили кишвар халалҳо ворид намесозад?

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд. Кормандони илмӣ-омӯзгории муассисаи пешбар – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиши масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар саҳми босазо доранд ва ба масъалаи таъсири омилҳои мухталиф ба муносибатҳои миллӣ ва махсусан, таъсири омилҳои миллию этникӣ таваҷҷуҳи махсус равона месозанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:

- раванди ташаккул ва рушди вазъи таърихӣ – этникии Афғонистон таҳқиқ гардид;
- нақши ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар раванди танзими масъалаҳои миллию этникӣ дар Афғонистон мавриди омӯзиш қарор дода шуданд;
- моҳияти қавмии ҳаракатҳои сиёсии муосири Афғонистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, таҳқиқи масъалаи мазкур дар мисоли ҷунбиши «Толибон» амалӣ гардидааст;
- таҷрибаи ҷаҳонии демократияи федералӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дарки таълимоти федерализм дар воқеияти Афғонистон қиёс гардидааст;
- воқеияти қавмӣ дар Афғонистон ҳамчун кишвари анъанавии Шарқ омӯхта, таъсири омили қавмӣ ба низоми сиёсии кишвар таҳқиқ шудааст;
- федераликунонии Афғонистон таҳлил гардида, мавқеи манфиатҳои миллии кишварҳои минтақа дар татбиқи он мавриди баррасӣ қарор дода шуданд;
- нақши тоҷикон дар равандҳои этникии Афғонистон таҳқиқ гардида, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод гардидаанд;
- масъалаҳо ва дурнамои ҳукмронии паштунҳо дар Афғонистон бо дарназардошти ба вуҷуд омадани вазъияти нави миллию этникӣ таҳлил ва баррасӣ гардиданд;
- таҳаввули мақоми умумиятҳо ва ақаллиятҳои дигари миллию этникӣ дар ҳаёти сиёсии Афғонистон таҳқиқ шуда, дар раванди сиёсии кишвар баррасӣ гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** бо муҳимияти илмӣ ва амалии сиёсии он, ҳамчунин бо талаботи баланд ба натиҷагирии таҳлилӣ ва тавсияҳо ҷиҳати тарҳрезӣ ва пешбурди сиёсати муассиртари дохилӣ ба хотири таҳия ва татбиқи низоми ҷавобгӯи манфиатҳои тамоми қавму қабилаҳо ва халқиятҳои Афғонистон муайян карда мешавад.

**Натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ** дар воқеияти ҷамъиятӣ татбиқи васеи хешро пайдо менамоянд. Натиҷаҳои кори илмӣ – натиҷагириҳо ва хулосаҳои он метавонанд дар фаъолияти сохторҳои

давлатӣ – раёсати ҷумҳурӣ, ҳукумат, вазорату ниҳодҳои дигар дар амри таҳияи сиёсати дохилӣ баҳри таъмини мусолиҳа ва ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу суботи ҷомеа мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми тайёрӣ ба лексияҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ оид ба назарияи умумии илмҳои сиёсӣ, дар рафти омодагӣ ва гузаронидани курсҳои махсус истифода хоҳанд гардид.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот заминаи таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили мавзуи таҳқиқот маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ – таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи ӯ роҳандозӣ гардидааст. Саҳми шахсии вай дар пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати рушду таҳкими муносибатҳои миллию этникӣ дар Афғонистон, роҳҳои беҳтар намудани эҳсоси якпорчагии кишвар, танзими сиёсии робитаҳои қавмӣ – қабилавӣ инъикос меёбад.

Маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз таърихи 21-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Исматуллои Сунъатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиён, ки дар маҷлиси шуро ҳозир буданд, овоз доданд: тарафдор – 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа /______________/ Ҷононов С.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ *

И. в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих /______________/ Акрамӣ З.И.

21.06.2024